# ҲИСОБОТ

## оид ба натиҷаи татбиқи «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои «2013-2015»

Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дар ин замина паст кардани сатҳи камбизоатӣ вазифаи муҳиму афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бахри расидан ба ҳадафҳои миллӣ дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» (СМР) «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» (СБСНМТ-минбаъд Стратегия) таҳия ва қабул гардид.

Дар Стратегияи мазкур афзалиятҳо ва чорабиниҳо мушаххас муайян гардида, ба рушди се бахш (Бахши функсионалӣ-Таҳкими заминаҳои рушд; Бахши иқтисодӣ-Рушди устувори иқтисодӣ ва Бахши иҷтимоӣ-Рушди нерӯи инсонӣ) равона гардидаанд. Ҷиҳати амалӣ намудани бахшҳои номбурда дар доираи Сратегия татбиқи 326 тадбир ва 106 индикатор дар назар дошта шудааст, ки аз ин 298 тадбир (91,4%) пурра иҷро гардида, 28 тадбири (8,6%) боқимонда тадбирҳои доимиамалкунанда мебошанд, ки дар стратегияҳои таҳияшаванда ба назар гирифта мешаванд (маълумоти муфассал оид ба татбиқи пурраи тадбирҳо замима мегардад).

Боиси қайд аст, ки ҷиҳати дастгирии Стратегия шарикони рушд тавассути барномаҳои кишварии худ дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои назаррасро ба сомон расониданд.

Шарикони рушд барои дастгирии Стратегия 850 млн. доллари ИМА равона намуданд (27 ташкилоти донории аъзои ШҲР), ки аз ин 90 млн. доллари ИМА (10,6%) ба соҳаи идоракунии давлатӣ (асосан, беҳтар намудани идоракунии молияи давлатӣ), 80 млн. доллари ИМА (9,4%) ба соҳаи таъмини рушд аз ҳисоби сохтори хусусӣ ва дастгирии бахши хусусӣ, 50 млн. доллари ИМА ба рушди нерӯи инсонӣ (5,9%), 170 млн. доллари ИМА (18,6%) ба соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ, 88 млн. доллари ИМА (10,3%) ҷиҳати татбиқи ҳадафи раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, 334 млн. доллари ИМА (39,3%) - барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва 50 млн. доллари ИМА (5,9%) барои ҳифзи муҳити зист ва устуворӣ ба тағйирёбии иқлим ташкил медиҳад.

Илова ба ин, дар давоми амали Стратегия 6 созишномаи қарзию грантӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ ба маблағи 258,3 млн. сомонӣ (аз ин 195,1 млн. сомонӣ маблағи грантӣ ва 63,2 млн. сомони маблағи қарзӣ мебошад) ва 5 лоиҳаи нав 6 созишномаи қарзию грантӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ бо маблағи 145,5 млн. доллари ИМА (аз ҷумла, қарз 40 млн. доллари ИМА, грант 83,3 млн. доллари ИМА ва сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 22,0 млн. доллари ИМА ё 873,0 млн. сомонӣ) ба имзо расонида шуд.

**Лоиҳаҳои инвеститсионӣ бо ҷалби ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ (млн. долл. ИМА)**

| | **Арзиши умумӣ** | **Иҷроиш** |
|---|---|---|
| **Шумораи умумии лоиҳаҳо (54 лоиҳа)** | **2254,3** | **1100,0** |
| аз ҷумла: | | |
| 1. Захираҳои беруни ҷалбшаванда, аз ин: | 2076,1 | 1012.0 |
| - Қарз | 1017,6 | 495,0 |
| - Грант | 1058,5 | 517,0 |
| 2. Саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 149,1 | 77,0 |
| 3. Дигар маблағҳо | 29,1 | 11,0 |

Дар доираи татбиқи лоиҳаҳои мазкур 48 фоизи маблағи умумӣ азхуд карда шудааст. Лоиҳаҳо зиёда аз 10 соҳаи гуногуни иқтисодиётро дар бар гирифта, дар таркиби лоиҳаҳо маблағҳои қарзӣ – 45%, маблағҳои грантӣ – 47%, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 6,6% ва дигар сарчашмаҳо аз ҷумла, ҳиссаи ширкатҳои давлатӣ (ШСХК «Барқи Тоҷик», фурӯдгоҳҳои байналмилалии Душанбе ва Хуҷанд ва дигарҳо), ҷамоаҳо – 1,3%-ро ташкил медиҳад.

Маҷмӯи лоиҳаҳои давлатии инвеститсионӣ асосан аз 19 манбаи маблағгузорӣ сармоягузорӣ карда мешаванд (аз ҷумла, Бонки Осиёгии Рушд – 699,4 млн. доллари ИМА, "ЭксИмБонк"-и Хитой – 609,6 млн. доллари ИМА, Бонки Умумиҷаҳонӣ – 222,1 млн. доллари ИМА, Бонки Исломии Рушд – 121,7 млн. доллари ИМА, дигар созмонҳои байналмилалӣ – 423,3 млн. доллари ИМА, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 149,13 млн. доллари ва дигар сарчашмаҳо 29,06 млн. доллари ИМА).

Ба ин нигоҳ накарда, дар самти ҳамкорӣ бо шарикони рушд роҷеъ ба татбиқи ташаббусҳои изҳорнамудаи онҳо баъзе кабудию мушкилиҳо ба назар расида бошад ҳам, вале онҳо дар раванди татбиқи Стратегия аз ҷониби вазорату идораҳои соҳавӣ бартараф карда шуданд. Аз ҷумла, вазорат ҷиҳати бартараф намудани кабудиҳои ҷойдошта номгӯи мушкилотҳои аз ҷониби шарикони рушд изҳоргардидаро аз рӯи соҳаҳо бо назардошти алоқамандии онҳо бо матритсаи тадбирҳои Стратегия барои андешидани чораҳои мушаххас ва тақвият бахшидан ба татбиқи онҳо ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол намуд ва вазорату идораҳо нисбати масъалаҳои гузошташуда чораҳои зарурӣ андешидаанд, ки ин ба татбиқи Стратегия таъсири мусбӣ расонид. Ҳамаи ин чорабиниҳои андешидашуда имконият дод, ки вазифаҳои гузошташуда дар доираи Стратегия амалӣ гарданд.

Бояд хотирасон кард, ки арзиши умумии Стратегия ҳангоми таҳия дар доираи матритсаи амалиёт 18,7 млрд. сомонӣ муайян шуда

буд, ки аз ин 75 фоизи таъминоти молиявии он бо назардошти ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ муайян ва 25 фоизи боқимонда ба дарёфти сарчашмаҳои иловагӣ ниёз дошт (аз маблағи умумии пешбинигардида 17,1 млрд. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 0,7 млрд. сомонӣ дар бахши функсионалӣ ва 0,9 млрд. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ иртибот дорад). Илова ба ин, барои татбиқи вазифа ва ҳадафҳои гузошташудаи Стратегияи мазкур Президенти кишвар дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26 апрели соли 2012) илова ба маблағҳои пешбинишуда аз буҷети давлатӣ равона намудани 12 миллиард сомонӣ маблағи дигарро амр намуд, ки дар маҷмӯъ маблағи он 30,7 миллиард сомониро ташкил дод.

Дар асл таҳлил нишон дод, ки (аз рӯи маълумотҳои пешниҳод-намудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои ҳамоҳангсози шарикони рушд) тайи солҳои амалӣ Стратегияи мазкур ҷиҳати дар амал татбиқ намудани афзалиятҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегии кишвар аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 37,5 млрд. сомонӣ равона гардидааст, ки он аз маблағи пешбинигардида 22,1 фоиз зиёд аст. Аз маблағҳои ҷудогардида 31,0 млрд. сомонӣ ё 82,7 фоиз аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва 6,5 млрд. сомонӣ ё 17,3 фоиз аз ҳисоби ташкилотҳои мададрасон ва шарикони рушд мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар доираи Стратегияи мазкур татбиқи баъзе тадбирҳои Матритсаи амалҳои стратегияҳои қаблӣ (СПКСК солҳои 2007-2009 ва 2010-2012) аз рӯи лоиҳаҳои дахлдори солҳои қаблӣ оғоз гардида идома ёфта, дар доираи он мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, соли 2015 аз 58 лоиҳаи сармоягузорӣ татбиқи 8 лоиҳа аз рӯи 7 тадбири СПКСК 2010-2012 (бо маблағи 34,2 млн. доллари ИМА) ва 2 лоиҳа аз рӯи 2 тадбири СПКСК 2007-2009 амалӣ гардид (дар доираи 1,2 млн. доллари ИМА). Умуман, дар доираи ҳуҷҷатҳои стратегии миёнамуҳлати кишвар беш аз 1523,4 млн. доллари ИМА маблағ аз худ гардидааст.

## Таҳкими заминаҳои рушд
## (Бахши функсионалӣ)

Бахши функсионалии Стратегия аз таъмини шароитҳои умумии институтсионалӣ дар самтҳои такмили идоракунии давлатӣ, рушди макроиқтисодӣ, беҳбуди фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва таҳкими ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ иборат буда, масъалаҳои вобаста ба таъмини рушди иқтисодӣ, афзоиши ҳаҷм ва беҳдошти сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолии камбизоатро дар бар мегирад.

Дар бахши мазкур аз шумораи умумии тадбир ва индикаторҳои дар Стратегия дарҷгардида татбиқи 36,8 фоизи тадбир ва 17,0 фоиз индакатор (18 индикатор) ба нақша гирифта шудааст. Тайи солҳои 2013-2015 аз шумораи умумии тадбирҳои дар бахши мазкур пешбинигардида 94,2 фоизи онҳо пурра татбиқ гардида, иҷрои 5,8 фоизи тадбирҳои боқимонда идома дода мешаванд.




Бояд иброз дошт, ки тайи солҳои 2013-2015 барои татбиқи ҳадафу вазифаҳо ва тадбирҳои гузошташудаи бахши функсионалӣ аз ҳисоби кӯмаки беруна беш аз 536,9 млн. доллари ИМА сармоя равона гардид.

## Такмили идоракунии давлатӣ

Дар зербахши мазкур иҷрои 64 тадбир пешбинӣ шуда, аллакай 58 тадбир иҷро гардида (90,6%), 6 тадбири боқимонда (9,4%) мавриди иҷро қарор доранд.

Дар ин давра, ҷиҳати ташкили идоракунии самарабахши раванди рушди миллӣ ва такмили низоми идоракунии давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешида шудааст (аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷдиди сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17.01.14. №116). Дар асоси фармони мазкур воҳиди алоҳидаи танзимкунандаи идоракунии давлатӣ, ҳамоҳангсозӣ ва таъмини татбиқи ислоҳот таъсис дода шуд. Аз ҷумла, ҷиҳати таҳлили самарабахшии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таҳияи тавсияҳо оид ба такмили минбаъдаи фаъолияти онҳо, ҳамчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти шӯроҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарии ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии маблағҳои давлатӣ бо истифодаи

принсипҳои ошкорамалӣ, хисоботдиҳию шаффофият дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, Раёсати кор бо мақомоти идоракунии маҳал, Кумитаи рушди маҳал ва Раёсати молия таъсис дода шуд. Инчунин, ҷиҳати беҳтар намудани идоракунии давлатӣ сохтори як қатор вазорату идораҳо таҷдид гардиданд.

Дар ин давра, таъмини ҳамкорӣ вобаста ба масъалаҳои рушди миллии кишвар тибқи принсипҳои иқтисоди бозаргонӣ ва мушаххасгардонии самтҳои ҳамкориҳои дуҷониба бо шарикони рушд, бахусус густариш додани ҳамкории вазорату идораҳо ҷиҳати мутобиқ намудани ташаббусҳои зоҳиршуда дар доираи ҳадаф ва афзалиятҳои миллии кишвар вохӯриҳо доир гардид ва ташаббусҳои изҳорнамудаи шарикони рушд аз рӯи мансубият ба рушди бахшҳои дахлдори Стратегия ҳамоҳанг карда шуди

Бо мақсади васеъ намудани доираи банақшагирии стратегӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ барномаҳои рушд таҳия гардида, бо қарорҳои Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо қабул гардиданд.

Бояд қайд кард, ки Нақшаи миллии амалиёт оид ба ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ, “Барномаи ягонаи автоматикунонидашудаи Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” таҳия гардида, ба Шабакаи ягонаи иттилоотии байниидоравии Агентии хизмати давлатӣ 48 вазорату идора ва дастгоҳи раисони шаҳри Душанбе ва вилоятҳо фаро гирифта шуд. Инчунин, дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо як қатор чорабиниҳо дар самти татбиқи раванди “Истгоҳи ягона” ва системаи Равзанаи ягона таҳия ва амалӣ карда шуд.

**Таъмини рушди макроиқтисодӣ**

Тайи амали Стратегия дар бахши таъмини рушди макроиқтисодӣ ҷиҳати устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ корҳои назаррас ба сомон расонида шуд.

Бояд иброз дошт, ки дар зербахши таъмини рушди макроиқтисодӣ 23 тадбир барои иҷрои 8 индикатор пешбини шуда буд, ки аз ин 21 тадбир пурра иҷро гардида, иҷрои 2 тадбири дигар идома дорад. Иҷроиши тадбир ва индикаторҳои зербахши мазкур имконият дод, ки рушди устувори макроиқтисодӣ дар кишвар таъмин гардад.

Бояд қайд намуд, ки дар дар ин давра барои татбиқи 26 лоиҳаи нав 36 созишномаи қарзию грантӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ба маблағи 899,9 млн. доллари ИМА (ё бо асъорӣ миллӣ 4,6 млрд. сомонӣ) ба имзо расонида шудааст (аз ҷумла 17 созишномаи грантӣ ба маблағи 181,3 млн. доллари ИМА, 17 созишномаи қарзӣ ба маблағи 696,6 млн. доллари ИМА ва сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 22,0 млн. доллари ИМА). Илова ба ин, барои рушди

соҳаҳои мухталиф 7 созишномаи кӯмаки техникӣ бо маблағи 5,9 млн. доллари ИМА низ ба имзо расонида шуд.

Танҳо дар аввали соли 2015 аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти кишвар зиёда аз 256,1 млн. сомонӣ маблағ равона гардид (аз ҷумла: қарз – 64.4 млн. сомонӣ ва грант 191.7 млн. сомонӣ).

Бояд хотирасон намуд, ки дар солҳои 2013-2014 қисми даромади Буҷети давлатӣ пурра таъмин гардид ва соли 2015 бошад нақшаи қисми даромади умумии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи 96,7 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 6875,2 млн. сомонӣ маблағ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 235,2 млн. сомонӣ кам аст. Дар ин давра, нишондиҳандаи умумии даромади Буҷети давлатӣ нисбат ба ММД 35,9 фоизро ташкил дод. Иҷрои нақшаи даромадҳои ҷорӣ ҳамагӣ дар сатҳи 96,0 фоиз таъмин гардид, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 235,2 млн. сомонӣ кам аст.

Қисми даромади буҷетҳои маҳаллӣ низ аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ ба андозаи 104,0 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 1.5 млрд. сомонӣ ворид гардидааст, ки ин нисбат ба нақша ба маблағи 57,4 млн. сомонӣ ва дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2014 ба маблағи 119,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Бояд иброз дошт, ки татбиқи чорабиниҳои зербахши мазкур имкон дод, ки рушди макроиқтисодӣ дар кишвар мунтазам таъмин гардад. Соли 2014 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 45,6 млрд. сомониро (бо суъати афзоиши 6,7 фоиз) ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2011 (базавӣ) 15,5 млрд. сомонӣ ё 51,6 фоиз зиёд гардида, ба 83,4 фоизи сатҳи нақшаи дурнамои соли 2015-и Стратегия баробар шуд. Аз рӯи баҳодиҳии соли 2015 маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо нархҳои дурнамои солҳои дахлдор 50,8 млрд. сомонӣ бо суръати афзоиши воқеии ММД 5,6 фоиз дар назар аст.



Таҳлил нишон медиҳад, ки гарчанде ҳаҷми ММД дар давоми амалӣ Стратегия зиёд шуда бошад ҳам, вале суръати афзоиши он тамоюли пастравӣ дорад. Аз ҷумла, соли 2014 дар қиёс ба соли 2013 ва тибқи баҳодиҳии пешакӣ соли 2015 нисбати соли 2014 мутаносибан ба андозаи 0,7 ва 1,1 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Соли 2014 индекс-дефлятори ММД ба 105,5 фоиз баробар гардид. Ин нишондиҳанда дар соли 2015 бошад тибқи баҳодиҳӣ ба 105,6 фоиз дар назар дошта шудааст.

Бояд хотиррасон намуд, ки соли 2014 дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳиссаи маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ 86,1 фоиз ва ё маблағи 39277,2 млн. сомониро ташкил дод (аз ҷумла вилояти Суғд 24,1%, вилояти Хатлон 25,6%, ВМКБ 1,6%, шаҳри Душанбе 20,6% ва НТҶ 14,2%). Бояд қайд намуд, ки маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ зиёд аст, зеро арзиши изофаи соҳаҳои алоҳидаи ба ҷумҳурӣ тааллуқдоштаро дар бар мегирад, ки дар баъзе мавридҳо дар сатҳи минтақаҳо тақсим намешавад (аз ҷумла 13,9 фоизи боқимонда: хизмати идораи давлатӣ, хизмати нақлиёти ҳавоӣ, роҳи оҳан ва ғайраҳо).

Дар воқеъ, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ соли 2014 дар қиёс ба соли 2011 аз рӯи асъори миллӣ ва хориҷӣ (доллари ИМА) мутаносибан 40,3 фоиз ва 30,9 фоиз зиёд гардид ва ба 84,8% ва 85,6%-и нақшаи нишондиҳандаи дурнамои соли 2015-и Стратегия баробар шуд. Ҳамзамон, соли 2015 маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ аз рӯи баҳодиҳии пешакӣ 6052,6 сомонӣ дар назар аст, ки дар қиёс ба соли базавӣ 2154,5 сомонӣ зиёд аст.

**ММД барои ҳар нафар аҳолӣ (сомонӣ/долларИИМА)**




Дигари индикатори асосии бахши мазкур ин даромади буҷети давлатӣ ва хароҷоти он нисбат ба ММД мебошад. Дар соли 2014 даромади буҷети давлатӣ ва хароҷоти он нисбат ба ММД дар муқоиса

ба накшаи нишондиҳандаи дурнамои соли 2015-и Стратегия мутаносибан 2,1 ва 0,7 банди фоизи зиёд шудааст.




Ҳамзамон қарзи берунаи давлатӣ тамоюл ба пастравӣ дошта, аз ҷумла дар соли 2014 ҳаҷми он ба 2,1 млрд. доллари ИМА расид, ки нисбат ба ММД 22,8 фоиз ва дар соли 2015 бошад, ин нишондиҳанда ба 2,0 млрд. доллари ИМА баробар шуд, ки дар таносуб ба ММД 19,2 фоиз мебошад (аз рӯи варианти асосӣ).

**Татбиқи индикаторҳо дар солҳои 2013-2015**

| Номгӯи индикторҳо | Воҳиди ченак | 2011 (базавӣ) | 2013 | 2014 | 2015 баҳодиҳӣ | 2015 тибқи нақша |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **1. Ҳисоби миёнаи солонаи таваррум *(солона)*** | % | 9,3 | 3,7 | 7,4 | 7,5 | 7,0 |
| **2. Нишондиҳандаи васеи маблағҳои пулӣ нисбат ба ММД *(солона)*** | % | 23,7 | 20,0 | 19,9 | 22,8 | 28,6 |
| **3. Шумораи кортҳои пардохтшавандаи бонкӣ *(то ин давра)*** | ҳазор адад | 377,4 | 760,9 | 1107,1 | 1208,6 | 720,0 |
| **4. Рушди воқеии солонаи ММД *(солона)*** | % | 7,4 | 7,4 | 6,7 | 6,4 | 7,5 |
| **5. Даромад ба буҷети давлат нисбат ба ММД *(солона)*** | % | 28,2 | 30,3 | 29,3 | 35,9 | 27,2 |
| **6. Даромадҳои ҷорӣ нисбат ба ММД *(солона)*** | % | 24,0 | 23,0 | 25,3 | 29,5 | 23,7 |
| **7. Хароҷоти буҷети давлатӣ нисбат ба** | % | 27,4 | 28,6 | 29,0 | 32,2 | 28,3 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД *(солона)* | | | | | | |
| **8. Пардохти қарзи берунӣ нисбат ба ММД** *(солона)* | % | 0,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,00 |

Бояд тазаккур дод, ки дар натиҷаи амалӣ гардидани тадбирҳои пешбинишуда тайи солҳои 2013-2015 баъзе нишондиҳандаҳо (индикаторҳо) дар қиёс ба нишондиҳандаи нақшавии соли 2015-и Стратегия барзиёд таъмин гардиданд (аз ҷумла, даромад ба буҷети давлати нисбат ба ММД – 8,7 банди фоизӣ, даромадҳои ҷорӣ нисбат ба ММД - 5,8 банди фоизӣ, хароҷоти буҷети давлатӣ нисбат ба ММД - 3,9 банди фоизӣ ва пардохти қарзи берунӣ нисбат ба ММД - 0,5 банди фоиз ва шумораи умумии кортҳои пардохтии аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ баровардашуда 68,0 фоиз).

Дар маҷмӯъ бояд зикр намуд, ки дар доираи амалӣ гаштани тадбирҳои стратегия қисми зиёди индикаторҳои гузошташуда пурра таъмин гардиданд. Аммо ҳоло ҳам чанде аз индикаторҳо, ба мисли ҳисоби солонаи таваррум, рушди воқеии солонаи ММД нарасидем, ки чунин ҳолат бинобар хусусияти тағйирёбӣ доштани онҳо дар натиҷаи таъсири омилҳои дохилию берунӣ марбут мебошад.

## Таъмини беҳбуди фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ

Зербахши мазкур дастгирии давлатии соҳибкорӣ, рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармояҳои хориҷию дохилиро дар бар мегирад. Дар зербахши мазкур 21 тадбир барои татбиқи 5 индикатор ба нақша гирифта шудааст, ки дар ҳоли ҳозир ҳамаи тадбирҳо пурра татбиқ гардиданд. Татбиқи тадбирҳо имкон дод, ки дар зербахши мазкур корҳои назаррас ба анҷом расонида шавад.

Дар давраи ҳисоботӣ, бо мақсади баланд бардоштани нерӯи мақомоти дахлдор ва дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна, дар заминаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ ва як қатор шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла водии Рашт, шаҳрҳои Кӯлоб, Истаравшан, Исфара, Панҷакент, ноҳияҳои Фархор ва Бохтар таъсис дода шуд.

Бо мақсади муаррифӣ намудани имкониятҳои сармоягузорӣ ва дар ин замина ҷалби сармояҳо ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҳамоишу форумҳо, аз ҷумла, Бизнес Форум бо иштироки як қатор намояндагони давлатҳо (Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Аморати Муттаҳидаи Араб ва Ҷумҳурии Туркия), Бизнес-Форуми Тоҷикистону Австрия, Форуми соҳибкории Тоҷикистону Эстония, Форуми соҳибкорони «Душанбе 2013», «Душанбе 2014», Бизнес-форуми соҳибкорони Тоҷикистону Қувайт, Аввалин Форуми соҳибкорони Тоҷикистону Шоҳигарии

Тайланд, Форуми иқтисодии соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Форуми нахустини умумиҷумҳуриявии занони соҳибкори Тоҷикистон) ва дигар чорабиниҳои алоҳида гузаронида шуд.

Инчунин, ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо дар давраи амали Стратегияи мазкур дар минтақаҳои мухталифи ҷумҳурӣ (Форуми инвеститсионӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара, Рашт, Ҳисор ) ва дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим”) нахустин Анҷумани байналмилалии иқтисодӣ дар шаҳри Хоруғ бо иштироки намояндагони дастгоҳи марказӣ, вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, корпуси дипломатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ (зиёда аз 180 нафар, аз ҷумла, 70 нафар шаҳрвандони хориҷӣ аз 15 кишвар) баргузор гардид.

Татбиқи тадбирҳои бахш имкон дод, ки дар давоми татбиқи Стратегия шумораи соҳибкорони хурду миёна ба сатҳи нақшаи нишондиҳандаи дурнамои соли 2015-и Стратегия баробар гардад. Нишондиҳандаи беҳтар шудани фазои соҳибкорӣ аз рӯи рейтинги байналмилалӣ мавқеи 166-ро ишғол кард.

**Татбиқи индикаторҳо дар солҳои 2013-2015**

| Номгӯи индикторҳо | Воҳиди ченак | 2011 (базавӣ) | 2013 | 2014 | 2015 тибқи нақша |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. Миқдори конфронсҳо, форумҳо ва тренингҳои бо иштироки соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ гузаронидашуда | адад | 6 | 15 | 17 | 12 |
| 2. Афзоиши шумораи соҳибкорони хурду миёна | % | 100 | 135 | 135 | 140 |
| 3. Беҳтар шудани фазои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон аз рӯи рейтинги байналмилалӣ | мавқеъ | 152 | 143 | 166*/ 132 | 135* |
| 4. Афзоиши ҳаҷми сармояи мустақими хориҷӣ | % | 100 | 2 м. | 1,8 м | 130 |

*Бо назардошти ворид гардидани тағйирот ба методологияи тадқиқоти ҳисоботи «Пешбурди тиҷорат» мавқеи Тоҷикистон дар соли 2014 ислоҳ карда шуда, мавқеи 143-юм ба мавқеи 177 иваз карда шуд. Дар сурати муайян намудани рейтинг бо методологияи қаблӣ мавқеи Тоҷикистон аз 143 (соли 2014) ба 132 боло мерафт..

Бояд қайд кард, ки дар давоми солҳои 2013-2015 ба иқтисодиёти кишвар 384,2 млн. доллари ИМА сармояи мустақим ворид гардид (аз ҷумла, ба ҳолати 1апрели соли ҷорӣ 96,6 млн.доллари ИМА), ки ин дар қиёс ба нақшаи нишондиҳандаи дурнамои соли 2015-и Стратегия 174,2 млн. доллари ИМА (нақша 210 млн. доллари ИМА) ё 83,0 фоиз зиёд аст.

Бояд зикр намуд, ки пурра амалӣ гаштани тадбирҳои зербахши номбурда барои татбиқи индикаторҳои гузошташуда шароити мусоид фароҳам овард, ки дар натиҷа аз 4 индикатор 3-тои он пурра таъмин гардид ва дар назар аст, ки то охири сол ҷиҳати беҳтар шудани фазои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон аз рӯи рейтинги байналмилалӣ ба мавқеи назаррас ноил хоҳем шуд.

**Рушди минтақаҳои махсуси иқтисодӣ: минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва паркҳои технологӣ**

Мақсади асосии зербахши мазкур ин рушди инфрасохтори зарурии минтақаҳо, ҷалби сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ мебошад. Дар ин самт, дар матритсаи амалиёти Стратегия татбиқи 5 тадбир барои иҷроиши 4 индикатор дар назар дошта шудааст. Ҳоло 4 тадбир иҷро шуда қарор дошта, иҷрои 1 тадбир идома дорад.

Дар давоми амали Стратегияи мазкур барои сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷа ва барқарорсозии роҳҳои автомобилгарди ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ зиёда 12,1 млн сомонӣ маблағ ҷудо гардида, дар ин самт корҳои бунёдкорию барқарорсозӣ идома доранд (аз ҷумла дар соли 2015 аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ 700,0 ҳазор сомонӣ ба МОИ “Суғд”, 1.2 млн. сомонӣ ба МОИ “Панҷ”, 1,2 млн. сомонӣ ба МОИ “Ишкошим” ва 1,2 млн. сомонӣ ба ба МОИ “Данғара ”).

Ҳоло дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ 60 ширкати хориҷию ватанӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудааст (аз ҷумла, 26 ширкат дар МОИ “Суғд”, 26 ширкат дар МОИ “Данғара” ва 8 ширкат дар МОИ “Панҷ”), аз он 16 ширкат фаъолияти истеҳсолӣ ва фаъолияти содиротӣ - воридотиро ба роҳ мондаанд (аз ҷумла, 13 ширкат дар МОИ “Суғд” ва 3 ширкат МОИ “Данғара”). Дар ширкатҳои боқимонда корҳои сохтмонию васлкунӣ ва воридоти технология ва таҷҳизотҳои муосир идома дорад.

Бояд қайд кард, ки дар ин давра созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати ҶТ ва ҶДММ «ХЕЛИ»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой "Дар бораи сохтмон ва ба истифода додани корхонаи коркарди масолеҳи нафтӣ дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара»" бо арзиши 500 млн. доллари ИМА дар ду марҳила ба имзо расонида шуд. Иқтидори навбати аввали он коркарди 300-500 ҳазор тонна нафт буда, бо сармоягузории зиёда аз 60 млн. доллари ИМА дар зарфи 1,5-2 сол бунёд хоҳад шуд. Дар марҳилаи дуюм иқтидори истеҳсолии корхона ба 1,2 млн. тонна коркарди маҳсулоти нафтӣ расонида мешавад. Муҳлати татбиқи марҳилаи дуюм низ 1,5-2 солро дар бар гирифта, ҳаҷми умумии сармоягузориҳои дар марҳилаи дуюм ҷалбшаванда 300-500 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Дар давраи татбиқи Стратегия беш аз 74,0 млн. сомонӣ сармояи мустақим ворид гардида (аз ҷумла, МОИ “Суғд” - 37.0 млн. сомонӣ, МОИ “Данғара” - 35.0 млн. сомонӣ ва МОИ “Панҷ” - 2.0 млн.

сомонӣ), 562 ҷойи корӣ таъсис дода шуд (МОИ "Суғд" - 337, бо назардошти сохтмончиён МОИ "Данғара" - 187 ҷой ва МОИ "Панҷ" - 38 ҷой).

Дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар солҳои 2010-2015 ба маблағи 135,8 млн. сомонӣ истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва фаъолияти содиротию воридотӣ анҷом дода шудааст (аз ҷумла дар МОИ "Суғд" - 134 млн. сомонӣ ва МОИ "Данғара" - 1,8 млн. сомонӣ).




Татбиқи тадбиру чорабиниҳои Стратегия дар зербахши рушди минтақаҳои махсуси иқтисодӣ (минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва паркҳои технологӣ) ба таъмини нишондиҳандаҳои асосии бахш мусоидат намуд. Дар ин давра, шумораи субъектҳои бақайдгирифташуда ба 60 адад расонида шуд, ки дар қиёс ба соли базавӣ 35 адад зиёд аст. Миқдори ҷойҳои нави корӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз 263 нафари соли 2011 ба 1028 нафар расонида шуд, ки нисбат ба соли базавӣ 765 ҷойи корӣ зиёд аст.

**Татбиқи индикаторҳо дар соли 2013-2015**

| Номгӯи индикторҳо | Воҳиди ченак | 2011 (базавӣ) | 2013-2014 | 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | баҳодиҳӣ | тибқи нақша |
| 1. **Азхудкуни заминҳои нав дар МОИ** | ҳазор м² | 454,8 | 469,3 | 1780,0* | 682,2 |
| 2. **Шумораи умумии субъектҳо** | адад | 25 | 55 | 70 | 70 |
| 3. **Миқдори ҷойҳои нави корӣ** | адад | 263 | 788 | 1200 | 700 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **4. Таҳияи Консепсияи рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва паркҳои истеҳсолӣ, стратегияҳои рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва паркҳои технологӣ** | ҳа/не | не | не | не | ҳа |

* 1 га = 10000 м²

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ азхудкунии заминҳои нав 2,6 маротиба, миқдори ҷойҳои нави корӣ бошад 328 воҳид ё 47,0 фоизи нисбати нишондиҳандаи Стратегия зиёд шуда, шумораи умумии субъектҳо ба 86 фоизи сатҳи нишондиҳандаи нақшаи соли 2015 расонида шуд.

Мутобиқи нақшаи рушди МОИ ин индикаторҳо то охири соли 2015 барзиёд иҷро мешаванд.

## Таҳкими ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ

Дар бахши таҳкими ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ 7 тадбир ва 1 индикатор ҷиҳати аз байн бурдани монеаҳои мамурии роҳи рушди туризм, муҳаё намудан шароити мусоид барои ҷалби сайёҳон, ташкил намудани ҳаргуна ярмаркаҳои байналмилалӣ, нашри маводҳои иттилоотию тарғиботӣ ва дигар чорабиниҳо дар назар дошта шуда буд, ки дар давраи амалӣ Стратегия ҳамаи тадбирҳои номбурда пурра иҷро гардиданд (маълумоти пурра ҷиҳати иҷрои чорабиниҳо дар қисмати иҷрои тадбирҳо оварда шудааст).

Дар ин давра ҷиҳати таъмини рушди устувори соҳаи туризм барномаҳои тарғиботию иттилоотӣ вобаста ба рушди туризми байналмилалӣ, роликҳои ташвиқотӣ оид ба нақши туристон дар рушди иқтисодиёт ва мустаҳкам кардани нуфузи Тоҷикистон тариқи воситаҳои ахбори омма ва шабакаи Интернет мунтазам пахш гардиданд.

Инчунин, бо мақсади истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва муаррифии захираҳои бойи туристии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ 330,0 ҳазор адад маводҳои иттилоотии таблиғотӣ паҳн карда шуд.




Татбиқи тадбиру иҷрои вазифаҳои муайяншуда имкон дод, ки мавқеъи Тоҷикистон аз зинаи 118-и соли 2011 ба зинаи 114 дар соли 2013 боло равад (дар асоси ҳисоботи Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ). Инчунин, таи ин солҳо шумораи сайёҳони ба Тоҷикистон воридшуда 213,3 ҳазор нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли базавӣ 16,4 фоиз  ва ё 30,3 ҳазор нафар зиёд мебошад. Танҳо дар нимсолаи аввали соли 2015 147 ҳазор нафар сайёҳ ба Тоҷикистон ворид шудааст.

Дар маҷмуъ, татбиқи тадбирҳои Бахши функсионалӣ - Таҳкими заминаҳои рушд имкон дод, ки нишондиҳандаҳои (индикатор) Стратегия дар давраи ҳисоботӣ  таъмин гарданд.

## Таҳкими рушди устувори иқтисодӣ

## (Бахши иқтисодӣ)

Бахши иқтисодии «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» ба рушди устувори иқтисодии кишвар нигаронида шуда, рушди соҳаҳои энергетикаю саноат, рушди инфрасохтор (нақлиёт ва алоқа), таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди кишоварзиро (обтаъминкунӣ ва истифодабарии заминҳо) дар бар мегирад.

Дар бахши мазкур аз шумораи умумии тадбир ва индикаторҳо татбиқи 58,6 фоизи тадбир ва 35,8 фоиз индикатор (38 индикатор) ба нақша гирифта шудааст. Аз шумораи умумии тадбирҳо 75,9 фоизи онҳо пурра татбиқ гардида, 24,1фоизи тадбирҳои боқимонда ҳамчун тадбирҳои доимоамалкунанда мебошанд.

Дар назар аст, ки баъзе аз ин тадбирҳо дар ҳуҷҷатҳои стратегияи навбатӣ низ инъикос мегарданд, зеро мубрамияти худро гум намекунанд.




## Рушди соҳаҳои энергетика ва саноат

Зербахши мазкур рушди соҳаҳои энергетика ва саноатро дар бар гирифта, татбиқи 15 тадбир ва 14 индикатор ба нақша гирифта шудааст. Дар ин давра 6 тадбир пурра татбиқ гардида, иҷрои 9 тадбири дигар дар солҳои минбаъда низ идома дода мешаванд.

Мусаллам аст, ки муваффақ шудан ба истиқлолияти энергетикӣ яке аз ҳадафҳои асосӣ ва муҳими бахши мазкур ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, барои ноил гардидан ба ҳадафи номрасшуда бунёди НОБ-ҳои хурд ва миёна яке аз афзалиятҳои асосӣ мебошад. Дар ҷумҳурӣ 318 адад НОБ-и хурд мавҷуд аст, ки аз ин 178 адад фаъолият дошта, 140 адад бо сабабҳои гуногун фаъолият намекунанд. Соли 2014 НОБ-ҳои хурд ба миқдори 33,4 млн. кВт соат нерӯи барқ истеҳсол намуда буданд.



Аз рӯи маълумоти расмии оморӣ то 1 июли соли 2015 шумораи НОБ-ҳои хурд 281 ададро ташкил карда, дар ин давра ба миқдори 12,1 млн. кВт соат нерӯи барқ истеҳсол намудаанд.




Дар ин давра 8654,1 млн. кВт соат нерӯи барқ истеҳсол шудааст, ки аз ин 199,1 млн. кВт дар марказҳои гармидиҳанда ва 8455,0 млн. кВт дар нерӯгоҳҳо обии барқӣ мебошад. Истеҳсоли нерӯи гармӣ бошад ба 189,5 ҳазор Гкал баробар шуд. Соли 2015 аз рӯи баҳодиҳии пешакӣ истеҳсоли неруи барқ 17000,0 млн. кВт/соат дар назар дошта шудааст.

Дар давоми солҳои 2014-2015 ҳаҷми талафоти нерӯи барқ мутаносибан ба 17,2 фоиз (2798,3 млн. кВт соат) ва 17,9 фоиз баробар шуд. Индикатори номбурда дар ин давра таъмин нагардид ва дар қиёс ба нишондиҳанда дурнамои Стратегия 4,0-4,7 банди фоизӣ зиёд шудааст.

Дар ин самт, лоиҳаи кам кардани талафоти нерӯи барқ бо дастгирии молиявии АУР (арзиши сметавии лоиҳа 48,0 млн. доллари ИМА) идома дорад. Умуман дар соҳаи энергетика 6 лоиҳа бо дастгирии молиявии ташкилотҳои мададрасон бо арзиши 1588,2 млн. доллари ИМА фаъолият дорад, ки аз ин 4 лоиҳа мавриди татбиқ қарор дошта, 2 лоиҳа сарчашмаи маблағгузориашон номаълум мебошад.

Ҳаҷми саноати истихроҷи маъдан аз ҳисоби истихроҷи ангиштсанг – 21,1 фоиз, ангишти бӯр – 4,8 фоиз, нафт – 3,1 фоиз, гази табиӣ – 1,8 баробар ва маводи ғайримаъданӣ – 17,8 фоиз зиёд шудааст.

Бояд хотирасон кард, ки соли 2014 дар 15 корхонаи соҳаи ангишти ҷумҳурӣ 874,7 ҳазор тонна ангишт истихроҷ карда шуд, ки нисбат ба нақшаи дурнамои соли 2015-и Стратегия 3,2 маротиба зиёд аст. Дар соли 2015 тибқи баҳодиҳӣ истеҳоли ангиштсанг ба 1000,0 тонна расонида мешавад, ки дар қиёс ба нишондиҳандаи дурнамои Стратегия қариб 4 маротиба зиёд аст.

**Ҳаҷми истихроҷи ангишт (ҳазор тонна)**




Сабаби асосии зиёд гардидани ҳаҷми истихроҷи ангишт дар ҷумҳурӣ, ин гузаронидани фаъолияти корхонаҳои азими саноатии кишвар ба истифодаи ангишт мебошад.

Бояд зикр кард, ки соли 2015 аз рӯи баҳодиҳии пешакӣ коркарди нахи пахта 110,0 ҳазор тонна, калобаи пахтагин 12,0 ҳазор тонна ва содироти нахи пахта 95,0 ҳазор тонна дар назар аст.

**Ҳаҷми нахи пахтаи коркардшуда (тонна)**




Ҳаҷми истеҳсолот дар саноати коркард 6956,3 млн. сомонӣ, аз он маҳсулоти хӯрокворӣ якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку 3350,3 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ 1280,7 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ 97,8 млн. сомонӣ, ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ 925,5 млн. сомонӣ, истеҳсолоти металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ 903,1 млн. сомониро ташкил дод. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ умуман дар соҳаи коркард 1,0 фоиз зиёд шудааст.

Бояд қайд намуд, ки соли 2014 ҳаҷми нахи пахтаи коркардшуда дар ҷумҳурӣ 10,3 ҳаз. тоннаро ташкил дода, ки ин ба 64,4 фоизи сатҳи индикатори (нишондиҳанда) соли 2015-и Стратегия баробар аст.

Ҳоло дар соҳаи саноат 7 лоиҳа бо арзиши 205,9 млн. доллари ИМА мавриди амал қарор дошта, дар доираи лоиҳаҳои то ба имрӯз 156,0 млн. доллари ИМА аз худ шудааст.

**Татбиқи индикаторҳо дар солҳои 2013-2015**

| Номгӯи индикторҳо | Воҳиди ченак | 2011 (базавӣ) | 2013 | 2014 | 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | баҳодиҳӣ | тибқи нақша |
| 1. Ба ҳисоби миёна рӯзона зиёд намудани давомнокии пешниҳоди барқ | соат - зимистон | 18 | 18 | 20 | 20 | 24 |
| 2. Паст кардани сатҳи талафоти энергетикӣ | % | 14,1 | 14.9 | 17,2 | 13,2 | 13,2 |
| 3. Зиёд намудани иктидорҳои барқистеҳсолкунанда | мВт | 5070 | 5407 | 5457 | 5457 | 6694 |
| 4. Микдори НОБ-ҳои хурди сохташаванда | адад | 30 | 8 | 8 | 10 | 70 |
| 5. Баланд бардоштани тарифи миёнаи кувваи барқ | ҳа/не | ҳа | ҳа | ҳа | - | ҳа |
| 6. Афзоиши коркарди нафт | *ҳа/не* | не | не | не | - | ҳа |
| 7. Истихроҷи ангишт | ҳазор тонна | 236,7 | 411,5 | 878,1 | 1000,0 | 267,0 |
| 8. Истихроҷи газ | ҳазор$^3$ | 18846 | 3800 | 6568 | 5552 | 21600 |
| 9. Истихроҷи нафт | тонна | 28663 | 27300 | 24508 | 31000,0 | 29430 |
| 10. Ҳаҷми нахи пахтаи коркардашуда | тонна | 8075 | 9647 | 10256 | 12000 | 16000 |
| 11. Ҳаҷми пусти коркардашуда | ҳазор дона | 1038,6 | 715,7 | 1115,5 | 1160 | 1202,3 |
| 12. Ҳаҷми пашми коркардашуда | тонна | 247,3 | - | - | 95 | 508 |
| 13. Ҳаҷми риштаи абрешими коркардашуда | ҳазор доллари | 224,3 | - | 511 | 450 | 264,7 |
| 14. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук | млн. сомонӣ | 1403,1 | - | 1374,1 | 1483,6 | 1483,6 |

Баҳодиҳии пешакии нишондиҳандаҳои соҳа нишон медиҳанд, ки индикаторҳои номрасшудаи зарбахши мазкур то охири соли 2015 барзиёд иҷро мешаванд.

**Рушди инфрасохтор: нақлиёт ва алоқа.** Дар зербахши мазкур 16 тадбир ва 11 индикатор ба нақша гирифта шуда, аз ин 10 тадбир пурра иҷро гардида, иҷро 6 тадбири дигар идома меёбад.

Барои рушди соҳаи нақлиёт дар доираи лоиҳаҳои мухталиф бо дарназардошти ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 849,8 млн. доллари ИМА ҷалб карда шудааст.

Бояд иброз дошт, ки дар давоми солҳои татбиқи Стратегия барои корҳои бунёдкорию барқарорсозӣ 1412,6 млн. доллари ИМА маблағ ҷудо шудааст, ки нисбати нақшаи дурнамои нишондиҳандаи соли 2015-и Стратегия 435,4 млн. доллари ИМА ё 45,5 фоиз зиёд аст.

**Ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ба татбиқи лоиҳаҳои соҳаи нақлиёт (млн. доллари ИМА)**




Дар соҳаи нақлиёт 13 лоиҳа бо маблағи 599,0 млн. доллари ИМА фаъолият мекунад, ки аз ин алакай 5 лоиҳа ба маблағи 115,5 млн. доллари ИМА ба анҷом расида, 8 лоиҳа ба маблағи 483,5 млн. доллари ИМА мавриди амал қарор дорад. Татбиқи лоиҳаҳо номрасшуда ба амалӣ шудани индикаторҳои дар соҳаи нақлиёт пешбинигардидаи Стратегия мусоидат намуд.

Дар натиҷа 1790 км. роҳҳои автомобилгард бунёд ва барқарор карда шуда, 153,2 км роҳҳои автомобилгард, 75 адад пул ва 29 адад қубур таъмиру тармим гардид. Дар ин давра, рушди ҳамлу нақли байналмилалии боркашонии автомобилӣ ба 10,6 фоиз ва афзоиши роҳҳои автомобилгарди дорои сифати қаноатбахш дар ҳаҷми умумии ба 12,1 фоиз расонида шуд. Хизматрасонии алоқа бо дарназардошти операторони хусусӣ дар солҳои 2013-2015 зиёда аз 3908,0 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбати нақшаи нишондиҳандаи дурнамои соли 2015-и Стратегия 35,0 фоиз зиёд аст.




Ҳоло зиёда аз 93 фоизи минтақаҳои аҳолинишини ҷумҳурӣ ба алоқаи кандуӣ (мобилӣ) дастрасӣ доранд. Шумораи умумии муштариёни алоқаи кандуӣ 11,5 млн. адад (аз ин 6,6 млн. нафари он муштариёни фаъол мебошанд, ки ба ҳар 100 нафар шаҳрванди ҷумҳурӣ 78 адад телефони фаъол рост меояд) ва шумораи операторони алоқаи кандуӣ 6 ададро ташкил медиҳад.

Соли 2015 шумораи истифодабарандагони шабакаи Интернет бо назардошти интернети мобилӣ ба 3,4 млн. муштарӣ расид (аз ҳар 100 нафар шаҳрванди ҷумҳурӣ 40 нафар истифодабарандаи интернет мебошад), ки аз нақшаи дурнамои нишондиҳандаи соли 2015-и СБСНМТ 800 ҳазор зиёд аст.

Инчунин татбиқи шабакаи алоқаи анъанавии технологияи NGN ва дастёбӣ ба низоми бесими тезҷуброни интернетӣ Wi MAX, 3G, 4G аз ҷумла хизматрасонии IP-телефония тавассути телефонҳои кандуӣ рушду нумӯ ёфта истодааст. Ҳоло зиёда аз 20 Интернет провайдерҳо бо пешниҳоди химатрасониҳои интиқоли маълумотҳо, почтаи электронӣ ва дастраснамоии шабакаи Интернет фаъолият намуда истодаанд.

Ҳоло ғунҷоиши васлшудаи шабакаҳои телефонии ҶСК "Тоҷиктелеком" ба 407789 рақам (аз ин 268353 телефони фаъол) ва якҷоя бо дигар ширкатҳо 597000 рақам (аз ин 408679 рақам телефонҳои фаъол мебошанд) ва шумораи муштариёни алоқаи телефонии насбшуда бо назардошти операторони хусусӣ дар ҷумҳурӣ 418082 рақам расонида шуд, ки ин мутаносибан 32 дарсад ва 28 дарсади нақшаи дурнамои нишондиҳандаи соли 2015-и Стратегияро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон фарогирии аҳолӣ бо алоқаи телефонии собит (аз рӯи зичии телефонҳои собит ба 100 нафар аҳолӣ) дар ин давра 4,9 нафар рост меояд, ки ин ба 28,2 дарсади нақшаи дурнамои нишондиҳандаи соли 2015-и Стратегия баробар аст.

**Татбиқи индикаторҳо дар солҳои 2013-2015**

| Номгӯи индикторҳо | Воҳиди ченак | 2011 (базавӣ) | 2013 | 2014 | 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | баҳодиҳӣ | тибқи нақша |
| 1. Рушди ҳамлу нақли байналмилалии боркашонии автомобилӣ (вазни холис) | % | 12 | 13,6 | 10,6 | 15,0 | 15,0 |
| 2. Ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ба татбиқи лоиҳаҳои соҳаи нақлиёт | млн. доллари ИМА | 651,2 | 562,8 | 849,8 | 977,2 | 977,2 |
| 3. Афзоиши роҳҳои автомобилгарди дорои сифати қаноатбахш дар ҳаҷми умумии роҳҳо | % | 10 | 14,8 | 12,1 | 14,2 | 14,0 |
| 4. Дарозии қитъаҳои сохташуда ва барқароргардидаи роҳҳои автомобилгард | км. | 1310 | 1650 | 1790 | 1790 | 1953 |
| 5. Афзоиши миқдори пайвасшави сохторҳои давлати ва нуқтаҳои дастрасӣ ва шабакаи Ҳукумати электронӣ | адад | 48 | 48 | 48 | 48 | 106 |
| 6. Афзоиши миқдори компютерҳои ба шабакаи «Ҳукумати электронӣ» пайвастшуда | адад | 48 | 48 | 48 | 48 | 106 |
| 7. Фарогирии аҳолӣ бо алоқаи телефонии собит (Зичии телефонҳои собит ба 100 нафар аҳолӣ) | чанд телефон ба 100 нафар | 5,3 | 4,6 | 4,9 | 5,1 | 17,4 (8,6 млн. аҳолӣ) |
| 8. Афзоиши ғунҷоиши васлшудаи телефонҳои собит | ҳазор рақам | 599,1 | 606,9 | 560,8 | 597,0 | 1600,0 |
| 9. Афзоиши шумораи муштариёни алоқаи телефонии собит (насбшуда) | ҳаз. муштарӣ | 383,1 | 418,1 | 412,1 | 408,7 | 1500,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **10. Ҳаҷми хизматрасонии алоқа бо назардошти операторони хусусӣ** | млн. сомонӣ | 1990,9 | 2639,6 | 2673,8 | 2900,0 | 2900,0 |
| **11. Афзоиши истифодабарандагони шабакаи Интернет бо назардошти истифода-барандагони Интернети мобилӣ** | млн. муштарӣ | 1,9 | 3,7 | 3,8 | 3,4 | 3,0 |

**Таъмини амнияти озуқаворӣ: рушди кишоварзӣ, обтаъминкунӣ ва истифодаи замин.** Дар зербахши мазкур афзалиятҳо ва чорабиниҳо мушаххас оид ба рушди бахшҳои кишоварзӣ, обтаъминкунӣ ва ҳолати мелиоративии заминҳо нигаронида шудааст. Ҷиҳати амалӣ намудани бахшҳои номбурда дар доираи Стратегия татбиқи 27 тадбир ва 14 индикатор пешбинӣ шуда, аз ин 26 тадбир пурра татбиқ гардида, иҷро1 тадбири идома дорад.

Бояд иброз намуд, ки тибқи нақшаи дурнамои нишондиҳандаҳои асосӣ дар соли 2015 ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ бо нархҳои дурнамои солҳои дахлдор 19387 млн. сомонӣ пешбинӣ шуда буд, ки аллакай дар соли 2014 нишондиҳанда ба нақшагирифта пурра таъмин гардид ва дар қиёс ба соли базавӣ 42,0 фоиз (ё 6,2 млрд. сомонӣ) ва аз нақшаи нишондиҳандаи дурнамои соли 2015-и Стратегия 8,8 фоиз зиёд аст.

То охири соли 2015 тибқи баҳодиҳии пешакӣ ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ бо нархҳои дурнамои солҳои дахлдор ба 23202,0 млн. сомонӣ расонида мешавад, ки ин аз нақшаи нишондиҳандаи дурнамои соли 2015-и Стратегия 3815,0 млн. сомонӣ зиёд аст.



Аз маҳсулоти истеҳсолшуда 57,0 фоиз ба соҳаи растанипарварӣ ва 43,0 фоиз ба соҳаи чорводорӣ рост меояд.

Дар давоми солҳои 2013-2015 барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 19,3 млн. сомонӣ маблағ равон шуда, ҳолати мелиоративии зиёда аз 21640 га замини кишоварзӣ беҳтар карда шуд, ки ин ба 55,0 фоизи нишондиҳандаи нақшаи дурнамои соли 2015-и Стратегия баробар аст. Инчунин тӯли ин солҳо 991,2 га замини нав азхуд карда шуда, беҳтар намудани таъминоти оби заминҳо дар 4160 га гузаронида шуд. Дар барбари ин, тайи солҳои 2014-2015 дар ҳаҷми 3368 ҳазор $м^3$ шабакаҳои обёрӣ ва 1917 ҳазор $м^3$ заҳбуру заҳкашҳо тоза карда шуда, 891 адад дастгоҳҳои обкашӣ (дар ҷумҳурӣ зиёда аз 48 фоизи заминҳои обёришаванда тавассути пойгоҳҳои обкашӣ обёрӣ карда мешаванд), 112 адад чоҳҳои амудӣ, 181 адад зеристгоҳҳои барқӣ, 346 адад трансформаторҳо, 1104 адад сулулҳо ва 114 км хати барқ аз таъмир бароварда шуд. Инчунин 6 чоҳи амудӣ, 11,3 км корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, 16,0 км қубури обгузар сохта ба истифода дода шуд.

Бояд қайд кард, ки аз соли 2011 инҷониб барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва аз худкунии онҳо лоиҳаҳои инвеститсионӣ, аз ҷумла “Барқарорсозии системаҳои ирригатсионӣ”; “Идоракунии захираҳои обии водии Фарғона” (арзиши умумии лоиҳа 24,17 млн. доллари ИМА)**;** “Идоракунии хавфи обхезӣ дар вилояти Хатлон” (арзиши умумии лоиҳа 28,5 млн. доллари ИМА); “Обёрии заминҳои водии Данғара дар масоҳати 1750 га” (марҳилаи 2, арзиши умумии лоиҳа 33,7 млн. доллари ИМА); “Лоиҳаи таъмини шуғли аҳолӣ барои устувории хоҷагии қишлоқ ва идоракунии захираҳои обӣ” (арзиши умумии лоиҳа 45,9 млн. доллари ИМА) ва “Таъмини устувории ҳавзаи дарёи Панҷ ба тағйирёбии иқлим” (арзиши лоиҳа 22,7 млн. доллари ИМА) мавриди татбиқ қарор гирифта, дар доираи онҳо корҳои зиёд ба сомон расонида шудааст.

**Татбиқи индикаторҳо дар солҳои 2013-2015**

| Номгӯи индикторҳо | Воҳиди ченак | 2011 (базавӣ) | 2013 | 2014 | 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | баҳодиҳӣ | тибқи нақша |
| 1. Афзоиш додани маҳсулоти умумии соҳаи кишоварзӣ | % | 100,0 | 107,6 | 104,5 | 106,5 | 130,0 |
| 2. Баланд кардани ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ | % | 100,0 | 103,5 | 104,0 | 104,6 | 115,0 |
| 3. Ба ҳисоби миёна баланд кардани ҳосилнокии пахта | с/га | 20,6 | 20,6 | 21 | 22,0 | 25,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **4. Афзоиши содироти маҳсулоти кишоварзӣ** | % | 100,0 | 139,1 | 79 | 118,0 | 118 |
| **5. Баланд бардоштани даромаднокии чорводорӣ** | % | 100,0 | 107,6 | 112,5 | 115,2 | 138 |
| **6. Сертификатҳои замин** | адад | 18771 | - | 3600 | 3700 | 28771 |
| **7. Додани сертификати ҳуқуқи истифодаи заминбарои хоҷагиҳои деҳқони** | адад | 43552 | 23333 | 38951 | 41677 | 40000 |
| **8. Додани сертификати ҳуқуқи истифодаи замин барои заминҳои наздиҳавлигӣ** | адад | 35972 | 34968 | 24283 | 25340 | 50000 |
| **9. Додани сертификати ҳуқуқи истифодаи замин барои объектҳои таъиноти ғайрикишоварзӣ** | адад | 13983 | 3472 | 6606 | 7560 | 20000 |
| **10. Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо** | га | 11493 | 8917 | 10748 | 4750 | 39600 |
| **11. Азхудкунии заминҳои нави обёришаванда** | га | 415 | 515 | 348,2 | 200 | 2000 |
| **12. Гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва дигар чораҳои иловагӣ** | км | 24,4 | 20,3 | 15,2 | 16,0 | 103,4 |
| **13. Таъмир ва барқарорсозии пойгоҳҳои обкашӣ. Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои боир ва аз гардиши кишоварзӣ холимонда** | га | 2500 | - | 1000 | - | 3500 |

Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки натиҷаи татбиқи тадбирҳои Бахши иқтисодӣ имконият дод, ки таи солҳои сипаришуда дар қиёс ба нишондиҳандаи нақшаи соли 2015-и Стратегия ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ 8,8 фоиз, роҳҳои автомобилгарди дорои сифати

қаноатбахш 2,2 фоиз ва истифодабарандагони Интернети мобилӣ 800 ҳазор муштарӣ зиёд гардад.

## Таъмини рушди нерӯи инсонӣ
## (Бахши иҷтимоӣ)

Рушди нерӯи инсонӣ тадбиру вазифаҳои асосиро ҷиҳати таҳкими ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ, рушди соҳаи маориф ва илм, рушди соҳаи тандурустӣ ва таъмини беҳбуди саломатии аҳолӣ, таъмини аҳолӣ бо оби тозаи беҳдошт ва хизматрасониҳои коммуналӣ, таъмини суботи экологӣ ва рушди устувор, таъмини баробарии гендерӣ ва такмили пешгӯию банақшагирии демографиро дар бар мегирад.

Дар бахши номбурда аз шумораи умумии тадбир ва индикаторҳои дар СБСНМТ дарҷгардида татбиқи 45,4 фоизи тадбир ва 46,2 фоизи индакатор (49 индикатор) пешбинӣ шудааст. Дар ин давра, аз шумораи умумии тадбирҳо 95,2 фоиз пурра татбиқ гардида, иҷрои 4,8 фоизи тадбирҳои боқимонда идома меёбад.

Дар ин давра, иҷрои тадбир ва индикаторҳо барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташудаи дар Бахши рушди нерӯи инсонӣ мусоидат намуд.




### Таҳкими ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ

Тибқи нақшаи Стратегияи мазкур дар зербахши мазкур татбиқи 44 тадбир ва 11 индикатор пешбинӣ гардидааает. Дар ин давра аз шумораи умумии тадбирҳо 40 тадбир (91%) пура иҷро гардида, 4 тадбири боқимонда (9%) дар раванди иҷроиш қарор доранд.

Ҷиҳати таҳкими ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият

бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия" ба тасвиб расид (№ 1493 аз 14.08.13) ва зиёд шудани маоши хизматчиёни давлатӣ дар соли ҷорӣ низ пешбини шудааст. Дар асоси Фармони мазкур ҳадди ақали музди меҳнати ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти кишвар 25 фоиз зиёд гардида, андозаи он ба 250 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шуд.




Дар ин давра нишондиҳандаҳои фарогирӣ бо суғуртаи иҷтимоии давлатӣ бо фоиз нисбат ба аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол 48,3 фоиз (ин нишондиҳандаи дар Стратегия 55% нишон дода шудааст) ва ҳаҷми пардохтҳои ғайрисуғуртавӣ аз воситаҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ 3,2 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст.

Инчунин, андозаи кӯмаки иҷтимоии расонидашуда (ба як оилаи камбизоат) 176 сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли базавӣ 55 сомонӣ ё 3,2 баробар ва нисбати нақшаи нишондиҳандаи дурнамои соли 2015-и Стратегия 51 сомонӣ ё 41 фоиз зиёд аст.

Миқдори созишномаҳо ва шартномаҳои коллективии басташуда ба 24770 воҳид расонида шуд, ки дар қиёс ба соли базавӣ (21548 воҳид) 3222 воҳид ва нисбати нақшаи дурнамои нишондиҳандаи соли 2015-и Стратегия 10 фоиз ё 2270 воҳид зиёд шудааст. Инчунин, марказҳои таъсисёфта, ки хизматрасонии иҷтимоиро анҷом медиҳанд ба 10 воҳид расонида шуд, ки ин 83 фоизи нақшаи дурнамои соли 2015-и Стратегиро ташкил дод.

Шумораи бекорони ба кор таъмингардида нисбати соли базавӣ 5,1 фоиз боло рафтааст.

Мутобиқи "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2015" соли 2014 дар миқёси ҷумҳурӣ таъсиси 138,4 ҳазор ҷойи корӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин давра аз рӯи

маълумоти расмӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 92245 ҷойи корӣ таъсис дода шуд.

Аз теъдоди умумии ҷойи кории таъсисдодашуда 30728 ҷойи кори доимӣ (33,3%), 29973 ҷойи кории муваққатӣ (32,5%) ва 31544 ҷойи кории мавсимӣ (33,8%) мебошад.

## Рушди маориф ва илм

Соҳаи маориф ва илм ҳамчун омили асосии рушди нерӯи инсонӣ арзёбӣ гардида, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар нақши муҳим мебозад. Зербахши маориф ва илм системаи таҳсилоти томактабӣ, мактабӣ, маълумоти миёна ва олии касбиро фаро мегирад.

Дар матритсаи амалиёти Стратегияи мазкур барои рушди соҳаи маориф ва илм татбиқи 36 тадбир ва 7 индикатор (аз ҷумла 24 тадбир ва 7 индикатор ба бахши маориф ва 13 тадбир ба бахши илм) ба нақша гирифта шудааст, ки аз ин 33 тадбир иҷро гардида (92,0%), иҷрои 3 тадбири боқимонда (8,0%) идома меёбад.

Қобили қайд аст, ки тайи солҳои 2013-2015 ҷиҳати рушди соҳаи маориф аз буҷети ҷумҳуриявӣ 5,4 млрд. сомонӣ маблағ равона карда шуд.

Дар воқеъ, яке аз индикаторҳои асосии (нишондиҳанда) Стратегияи мазкур дар бахши маориф ин зиёд намудани фарогирии кӯдакони синни томактабӣ ба таҳсил мебошад. Барои расидан ба ин зинаи таҳсилот ба як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав (аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф») қабул гардид, ки ба фарогирии хонандагон ба таҳсил мусоидат намуд. Дар натиҷа фарогирӣ бо таҳсилоти томактабӣ 10 фоизро ташкил дод, ки 3 фоиз нисбат ба соли базавӣ зиёд аст. Инчунин, тайи ин солҳо 29 мактаб барои 5125 ҷойи нишаст мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд.

Дар самти таҳия ва нашри китобҳои нав аз рӯи фанҳои дарсӣ 39 номгӯи китоби дарсӣ ба теъдоди 1862574 нусха чоп карда шуд. Ҳамзамон, "Низомнома дар бораи тартиби ташкили таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ гардид. Низомномаи мазкур дар ҷумҳурӣ тартиби қабул ва таҳсили кӯдакони дорои имконияти маҳдудро якҷо бо кӯдакони солим ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муқаррар менамояд.

Дар соҳаи маориф 9 лоиҳа ба маблағи 117,5 млн сомонӣ мавриди татбиқ қарор дошта, аз ин 2 лоиҳа ба маблағи 65,6 млн. сомонӣ амалӣ шудааст.

## Татбиқи индикаторҳо дар солҳои 2013-2015

| Номгӯи индикторҳо | Воҳиди ченак | 2011 (базавӣ) | 2013-2014 | 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | баҳодиҳӣ | тибқи нақша |
| 1. Фарогирӣ ба таҳсилоти томактабӣ | % | 10,8 | 12 | 15 | 15 |
| 2. Фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти ибтидоӣ ва умумии асосӣ | % | 97,3 | 99,9 | 99,9 | 99,1 |
| 3. Ҳиссаи омӯзгороне, ки ҳамасола аз такмили ихтисос мегузаранд | % | 10 | 18 | 60 | 60 |
| 4. Шумораи ҷойҳои нави нишаст барои хонандагон | нафар | 3476 | 45169 | 56269 | 90000 |
| 5. Таъмини хонандагон бо китобҳои дарсӣ, бо фоиз | % | 80 | 45 | 50 | 95 |
| 6. Теъдоди хонандагон ба 1 омӯзгор | нафар | 21 | 17 | 21 | 23 |
| 7. Шумораи шахсоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба таҳсилоти касбӣ фаро гирифта мешаванд | нафар | 22300 | - | - | 35000 |

### Рушди тандурустӣ ва таъмини беҳтар гардидани саломатии аҳолӣ

Барои ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола зербахши соҳаи тандурустӣ нақши муҳим мебозад, зеро азму талоше, ки барои беҳбудии саломатии аҳолӣ нигаронида шудааст, дар воқеъ ҳам рушди устувори иқтисодӣ ва рушди нерӯи инсонии кишварро таъмин менамояд.

Мутобиқи принсипҳои қабулгардидаи СМР ва СБСНМТ барои солҳои 2013-2015 мақсади асосии соҳаи тандурустӣ дар давраи миёнамӯҳлат аз мунтазам паст кардани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани мушкилоти вобаста ба бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе сироятҳои бо ваксина идорашаванда иборат мебошад.

Дар зербахши рушди тандурустӣ ва таъмини беҳтар гардидани саломатии аҳолӣ иҷрои 21 тадбир ва 13 индикатор ба нақша гирифта шуда, ҳамаи тадбирҳо пурра амалӣ гардиданд. Татбиқи тадбирҳо таи солҳои сипаришуда имконият дод, ки баъзе нишондиҳандаҳои асосии соҳа таъмин гарданд.




Дар ин давра нишондиҳандаи фавти кўдакони то синни 5 сола 1,6 промилле ва фавти модарон 2.1 промилле (ба 100 ҳазор зиндатаваллуд) коҳиш ёфта, фавти кўдакони то 1 сола бошад 0,1 промилле (ба 1000 зиндатаваллуд) зиёд шудааст.

**Сатҳи фарогирии кўдакони то 1 сола ва калонтар ба эмкунӣ**




Дар самти фарогирии кўдакони то 1 сола ва калонтар бо эмкунӣ 99,0 фоиз ва ҳиссаи таввалуд бо иштироки мутахассисони тиббӣ 90 фоизро ташкил дод, ки ин аз нақшаи нишондиҳандаи дурнамои соли 2015-и Стратегия мутаносибан 3 фоиз ва 2,7 фоиз зиёд мебошад.

**Татбиқи индикаторҳо дар солҳои 2013-2015**

| Номгўи индикторҳо | Воҳиди ченак | 2011 (базавӣ) | 2013 | 2014 | 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | баҳодиҳӣ | тибқи нақша |
| **1. Ҳиссаи харочоти умумии соҳаи** | % | 2,0 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **тандурустӣ аз маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ** | | | | | | |
| **2. Фавти кӯдакон то синни 5 сола** | ба 1000 зинда таваллуд | 23,3 | 21,7 | 22 | 20,4 | 18,0 |
| **3. Фавти кӯдакон то синни 1 сола** | ба 1000 зинда таваллуд | 18,3 | 18,4 | 17 | 17,0 | 14,0 |
| **4. Фавти модарон** | ба 100 ҳаз. зинда таваллуд | 38,1 | 36,0 | 28 | 30,0 | 30,0 |
| **5. Зиёд намудани миқдори табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ** | нафар | 15 973/ 36 848 | 16589/ 40063 | 16889/ 41263 | - | 19 160/ 45 691 |
| **6. Сатҳи бемории сурхча** | ба 100 ҳаз. нафар | 0,007 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **7. Сатҳи беморӣ бо гелминтоз** | ба100 ҳаз. нафар | 280 | - | 489 | 235,9 | 200,0 |
| **8. Сатҳи қаноатмандии аҳолӣ аз хизматрасониҳои тиббӣ дар сатҳи КАТС (аз мутахассисони тиббӣ оилавӣ)** | % | 39,0 | 41,3 | 45 | 46 | 55 |
| **9. Афзоиши ҳамасолаи шумораи кормандони соҳаи тандурустӣ ҷиҳати такмили ихтисоси баъдидипломии тиббию фармасевтӣ** | нафар | 2368 | 3996 | 3283 | - | - |
| **10. Миқдори сироятшудагони ВНМО** | нафар | 3846 | 6309 | 6309 | 7252 | 6200 |
| **11. Сатҳи фарогирии кӯдакони то 1 сола ва калонтар бо эмкунӣ** | % | 95,0 | 97,3 | 97,0 | 98.6 | 96,0 |
| **12. Коҳишёбии фавт аз бемории сил** | ба 100 ҳаз. аҳолӣ | - | - | 372 ё 4,6 | 1,7 | 5,5 |
| **13. Ҳиссаи таваллуд бо иштироки кормандони тиббӣ** | % | 75,0 | -0 | 92,7 | - | 90 |

## Таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва хизматрасониҳои коммуналӣ

Зербахши мазкур соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, обтаъминкунӣ ва санитарияро дар бар мегирад. Мақсади асосии бахши мазкур таъмини аҳолии шаҳру деҳот бо оби нӯшокии ҷавобгӯи талаботи стандартӣ, хизматрасонии санитарию гигиенӣ иборат аст.

Бо мақсади иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар матритсаи амалиёти СБСНМТ 9 тадбир ва 8 индикатор пешбинӣ шудааст. Тадбирҳои мазкур мавриди иҷро қарор доранд. Татбиқи тадбирҳои пешбинигардида имкон медиҳанд, ки дастрасии аҳолии шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ ба оби нӯшокии безарар, хизматрасониҳои санитарӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ таъмин гарданд.




Таҳлил нишон медиҳад, ки сабаби коҳиш ёфтани дастрасии аҳолии шаҳр ва деҳот бо оби нӯшиданӣ дар қиёс ба соли базавӣ (7,1% ва 6,6%) ин ба таври тақрибӣ муайян намудани маълумот мебошад. Бо мақсади аниқ намудани маълумоти саҳеҳ соли 2013 аз ҷониби КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" тадқиқот оид ба дастрасии аҳолӣ бо оби тозаи нӯшиданӣ гузаронида шуд ва натиҷаи он нишон дод, ки дастрасии аҳолии шаҳр бо оби тозаи нӯшиданӣ 86,9% ва дастрасии аҳолии деҳот ба оби нӯшиданӣ танҳо 43,4%-ро ташкил медиҳад.




Дар давраи феълӣ дастрасии аҳолии шаҳр ба шароитҳои асосии санитарию гигиенӣ ва дастрасии аҳолии деҳот ба шароитҳои асосии санитарию гигиенӣ нисбати соли базавӣ мутаносибан 46,6 фоиз ва 42,3 фоиз боло рафта, дар қиёс ба нақшаи нишондиҳандаи дурнамои соли 2015-и Стратегия 34,6 фоиз ва 28,3 фоиз зиёд шудааст.

### Татбиқи индикаторҳо дар солҳои 2013-2015

| Номгӯи индикторҳо | Воҳиди ченак | 2011 (базавӣ) | 2013 | 2014 | 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | баҳодиҳӣ | тибқи нақша |
| **1. Дастрасии аҳолии шаҳр ба оби нушиданӣ** | % | 86,9 | 86,9 | 88,0 | 88,0 | 96,2 |
| **2. Дастрасии аҳолии деҳот ба оби ошомиданӣ** | % | 43,4 | 43,4 | 65,5 | 65,5 | 56,0 |
| **3. Дастрасии аҳолии шаҳр ба шароитҳои асосии санитарию гигиенӣ** | % | 85,6 | 85,6 | 86,0 | 86,0 | 51,0 |
| **4. Дастрасии аҳолии деҳот ба шароитҳои асосии санитарию гигенӣ** | % | 67,3 | 67,3 | 69,2 | 69,2 | 39,0 |
| **5. Ҳиссаи фонди манзил, ки бо ҳисобкунак таъмин аст** | % | 4,8 | 11,6 | 10,9 | 12,2 | 85,0 |
| **6. Ҳиссаи аҳолии шаҳр, ки барояшон хизматрасониҳои манзилию каммуналӣ дастрас** | % | 40,6 | - | - | - | 80,2 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **аст** | | | | | | |
| **7. Ҳиссаи аҳоли деҳот, ки ба хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ дасрасӣ дранд** | % | 15,0 | - | - | - | 25,3 |
| **8. Ҳиссаи фонди манзил, ки дар ҳолати садамавӣ қарор доранд ва бояд таъмири асосӣ карда шаванд.** | м³ | 18,3 | - | - | - | 45,1 |

**Таъмини суботи экологӣ ва рушди устувор**

Тадбирҳои пешбинишаванда вобаста ба пешбурди сиёсати экологӣ мутобиқи вазъи мавҷудаи иҷтимоию иқтисодии кишвар, муносибгардонии функсияҳо ва таҳкими нерӯи мақомоте, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати экологӣ масъуланд, инчунин таҳкими заминаи қонунгузории сиёсати экологӣ масъалаҳои аввалиндараҷаи гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ ва такмили заминаи қонунгузорӣ мебошанд.

Ҷиҳати иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар матритсаи амалиёти Стратегияи мазкур 23 тадбир ва 8 индикатор пешбинӣ шуда, аз ин 17 тадбир иҷро гардида (74,0%) ва раванди иҷрои 6 тадбир дар соли ҷорӣ пешбинӣ шудааст (26,0%).

Дар самти таъмини суботи экологӣ низ корҳои назаррас ба сомон расонида шуд. Тайи ин солҳо барои кормандони соҳаи ҳифзи муҳити зист дар якҷоягӣ бо Фонди Глобалии Экологӣ конфронс бо иштироки 60 коршиносони байналмилалӣ ва миллӣ гузаронида шуд. Инчунин дар майдони 1716,5 га ҷангалзор бунёду барқарор гардид, ки аз он 660,1 га бо тарзи кишти тухмии дарахтону буттаҳо ва 1056,4 га бо усули шинондани ниҳолҳои дарахтону буттаҳо анҷом ёфт.

**Татбиқи индикаторҳо дар соҳои 2013-2015**

| Номгӯи индикторҳо | Воҳиди ченак | 2011 (базавӣ) | 2013 | 2014 | 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | баҳодиҳӣ | тибқи нақша |
| **1. Майдони замини ҷангалпӯш** | % | 100,0 | 100,5 | 101,1 | - | 101,1 |
| **2. Майдони заминҳои таназзулёфта** | % | 100,0 | 99,0 | 99,0 | 98,0 | 98,0 |
| **3. Партови обҳои ифлос ба иншоотҳои обӣ** | % | 100,0 | 98 | 98,0 | 97,0 | 91,2 |
| **4. Партови манбаъҳои** | % | 100,0 | 98,5 | 98,5 | 97,3 | 97,3 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **ифлоскунандаи доими ва сайёр ба атмосфера** | | | | | | |
| **5. Миқдори партовгоҳҳо барои нигоҳдошти партовҳои сахти маишӣ, ки ҷавобгӯи талаботи қонунгузории ҳифзи муҳити зист мебошанд** | адад | 3,0 | 3 | 3 | 3,0 | 4,0 |
| **6. Миқдори партовгоҳҳои барқарор карда шуда** | адад | 4,0 | 6 | 6 | 7,0 | 7,0 |
| **7. Миқдори маводи нобудкарда-шудаи вайронкунандаи озон** | тонна | 18,0 | 17 | 17 | 16,0 | 15,0 |
| **8. Миқдори партовгоҳҳои санитарӣ барои гӯр кардани партовҳои мунисипалӣ, ки ҷавобгӯи талаботи ҳифзи муҳити зист мебошанд** | адад | 2,0 | 2 | 2 | 1,0 | 3,0 |

## Таъмини баробарии гендерӣ

Матритсаи тадбирҳои ноил гардидан ба баробарии гендерӣ масъалаҳоеро мадди назар мегузорад, ки барои татбиқи сиёсати давлатии гендерӣ нигаронида шудаанд. Чорабиниҳо вобаста ба ҳалли мушкилиҳо гуруҳбандӣ шуда, аз такмили заминаи институтсионалии сиёсати гендерӣ, таъсиси механизмҳои самарабахш оид ба таъмини дастрасии баробар ба захираҳо ва ниҳоят бартараф намудани сатҳи зӯроварӣ дар оила ва ҷомеа иборат мебошанд.

Дар зербахши мазкур барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда 10 тадбир ва 2 индикатор пешбинӣ шудааст. Дар ин давра 9 тадбир иҷро гардида (90,0%) ва 1 тадбир то охири сол амалӣ мешавад.

Аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ (18476 нафар) 4276 нафар ё 23,2 фоизи он зан аст. Барои баланд бардоштани маърифат ва саводнокии аҳолӣ нисбат ба оқибатҳои манфии бисёрзанӣ, зӯроварӣ дар хона, сайқал додани савияи ҳуқуқии занон оид ба пешгирӣ аз ҳама гуна шаклҳои зуроварӣ нисбат ба занон дар шаҳру навоҳии мамлакат «Марказҳои бухронӣ» бо назардошти телефони боварӣ ташкил карда шуд. Аллакай ин марказҳои бухронии

«Боварӣ» барои 5005 зан ва 3897 мард маслиҳатҳои психологӣ ва ҳуқуқӣ доданд.

Ҳамзамон, бо мақсади пешгирии зуроварӣ дар оила Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" қабул карда шуд.

**Татбиқи индикаторҳо дар солҳои 2013-2015**

| Номгӯи индикторҳо | Воҳиди ченак | 2011 (базавӣ) | 2013 | 2014 | 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | баҳодиҳӣ | тибқи нақша |
| 1. Намояндагии занон ва мардон дар Маҷлиси вакилони халқ | % | 15 / 85 | 15 / 85 | 19 / 81 | 19/81 | 30 / 70 |
| 2. Миқдори ҷабрдидагони зӯроварӣ, ки аз марказҳои бухронӣ ва дигар ҳадамот кӯмак гирифтаанд (зан/мард) | нафар | 10136/ 9401 | 14736/ 11128 | 10969/ 8605 | 2319/705 | 12500/ 10000 |

**Такмили банақшагирии демографӣ**

Ҷиҳати иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар матритсаи амалиёти Стратегияи мазкур 5 тадбир пешбинӣ шуда, аз ин 4 тадбир иҷро гардида (90,0%) ва раванди иҷрои 1 тадбир дар соли дар назар аст (10,0%).

Дар маҷмӯъ бояд қайд кард, ки татбиқи "Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015" ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ ба рушди босуботи иқтисодӣ таъсири мусбӣ расонида, боиси коҳишёбии сатҳи камбизоатӣ гардид.

Бояд қайд кард, ки то кунун сатҳи камбизоатӣ дар асоси «Тадқиқоти сатҳи зиндагии Тоҷикистон (ТСЗТ)», ки солҳои 1999, 2003, 2007 ва 2009 гузаронида шуда буданд асоснок карда мешуд ва сатҳи камбизоатӣ аз 72,5% дар соли 2003 ба 46,7% дар соли 2009 коҳиш ёфт. Умуман, боиси кайд аст, ки таи солҳои 1999-2014 сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ тамоюли пастшавӣ дошта, аз 81 фоизи соли 1999 ба 32,0 фоиз дар соли 2014 коҳиш ёфтааст.

**Тамоюли коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо %)**




Тазаккур бояд дод, ки дар коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳо татбиқи барномаҳои рушди маҳал низ мусоидат менамояд. Мақсади асосии таҳияи барномаҳои рушд дар маҳал ин татбиқ намудани Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, "Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015", "Стратегия баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015" ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ мебошад. Зеро таҳияи ҳама гуна консепсияҳои амалкунанда ва таҳияшавандаи давлатӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ, стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаҳои рушди кишвар, инчунин фаъолияти ҳамаи мақомоти идоракунии давлатӣ ба СМР асос меёбанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар сатҳи миллӣ шумораи камбизоатони байни шаҳру деҳот фарқият дошта, дар шаҳрҳо нисбат ба деҳот пасттар, яъне 23,5 % дар шаҳрҳо ва дар деҳот ба 36,1 % баробар мебошад.

**Таносуби сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ**




Таносуби аҳолие, ки дар сатҳи камбизоатӣ қарор дорад, аз рӯи минтақаҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки сатҳи камбизоатӣ дар ВМКБ - 37,3 %, НТҶ – 37,8 %, Хатлон – 37,7%, Суғд - 23,1% ва ш.Душанбе - 19,9%-ро ташкил медиҳад.

Дар коҳиш ёфтани сатҳи кабизоатӣ татбиқи барномаҳои шаҳру ноҳияҳо нақши муҳим бозида, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти мақомоти маҳаллӣ ба иҷрои тадбиру индикаторҳои Стратегияи мазкур нигаронида шудааст.

Ҳоло аз 69 шаҳру ноҳия, дар 57 ноҳия (83%) барномаҳои рушд тарҳрезӣ шуда (аз ин дар 6 ноҳия муҳлати брномаҳо ба итмом расидааст) аллакай усули маниторинг ва арзёбӣ дар 29 барнома ҷорӣ шудааст (14 ноҳияи вилояти Суғд, 8 ноҳияи вилояти Хатлон ва 7 ноҳияи тобеъии ҷумҳурӣ). Аз шумораи умумии барномаҳои таҳиягардида дар 8 ноҳия (ш.Кӯлоб, Ҷомӣ, Шаҳринав, Ҳисор, Рашт, Ҷиликӯл, Мастчоҳ ва Исфара) барномаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи миллӣ қабул гардидаанд.

Аз рӯи маълумоти расмӣ, дар 29 барномаи рушд (барномаҳое, ки системаи мониторинг ва арзёбӣ доранд) 4773 лоиҳа бо арзиши 7,7 млрд. сомонӣ ворид шудааст. Гузаронидани мониторинг дар ин ноҳияҳо нишон дод, ки аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои бунёд ва барқарорсозии лоиҳаҳои дар ин барномаҳо воридгардида 2,4 млрд. сомонӣ маблағ масраф шудааст, ки ин 31,2 фоизи арзиши умумии маблағи лоиҳаҳоро ташкил медиҳад. Дар татбиқи барномаҳои рушди маҳал саҳми бахши хусусӣ ва аҳолӣ 51 фоиз, буҷети давлатӣ 30 фоиз шарикони рушд ва дигар сармоягузориҳои хориҷӣ 19 фоиз мебошад.

**Ҳиссагузориҳо ба барномаҳои рушди маҳал аз рӯи ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ**




Таҳлил нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои сипаришуда маблағҳои азхудгардида дар вилояти Суғд 24,4 фоиз дар вилояти Хатлон 36,9 фоиз ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 26,4 фоизро ташкил дод.

Новобаста аз дастовардҳои ноилгардида, то ба ҳол баъзе вазорату идораҳо ва мақомоти маҳалии шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати татбиқи «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир накарданд. Гарчанде вазорату идораҳо ҷиҳати татбиқи тадбиру индикаторҳои дар Стратегия дарҷгардида маълумот пешниҳод карда

бошанд ҳам, вале бештари маълумотҳои ирсолшудаи онҳо моҳияти воқеии тадбиру индикаторҳоро инъикос карда наметавонанд ва ахборотҳои пешниҳогардидаи онҳо бештар ба фаъолиятӣ вазорату идораҳо хос аст.